АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №1, 2014

УДК: 8 тадж.+1+8 тадж. +4 ШИРИНОВ Н.А.[1]

# ИНКИШОФИ ҒАЗАЛ ДАР АДАБИЁТИ АСРИ XII

Ғазал яке аз қадимтарин, машҳуртарин, маҳбубтарин ва густурдатарин жанрҳо дар таърихи адабиёти форс-тоҷик аст, ки шояд ягон масоили дигари адабиёт то ба ин ҳад мавриди таваҷҷуҳи аҳли тадқиқ қарор нагирифта бошад. Дар мақолаи мазкур авомили зуҳури ташаккул ва таҳаввули он матраҳ шудааст. Тозакорӣ дар ин мақола аз он иборат аст, ки муҳаққиқ алорағми ақидаи аксари адабпажуҳон баромада, бо далоили дақиқу мушаххас заминаҳои зуҳуру ташаккули онро мушаххас месозад ва исбот мекунад, ки ғазали истилоҳӣ маҳсули асри X - замони Сомониён аст ва муассиси он устод Рӯдакист.

**Калидвожаҳо:** таърихи адабиёт, инкишофи ғалал ва наср дар паҳн намудани забони форс-тоҷик, ғазал, жанри ғазал, инкишофи жанри ғазал, намояндагони адабиёти форс-тоҷик, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ишқи илоҳӣ.

Адабиёти форс-тоҷик дар ин давра дар қаламрави мамолики Шарқи наздик ва миёна доираҳои адабии Ғазнаву Ҳинд, Мовароуннаҳру Хоразм, Хуросон, Эрони ғарбӣ, Ироқу Озарбойҷон ва Осиёи Хурд рушд кардааст.

Жанри ғазал вобаста мавҷудияти худ сайри хосса дошта, агар асри X асри ташаккули он бошад, худи ҳамин раванд нисбатан тӯл кашидааст. Ба ин маънӣ академик А. Мирзоев хеле хуб менависад, ки: «Протсесси ба як шакли хоси назм дохил шудани ғазал дар муддати кӯтоҳе анҷом наёфтааст, балки вай натиҷаи маҳсули фаъолияти якчандасраи сухансароён мебошад, ки дар ҳар як аср хиштҳое барои ин муҷассамаи назм ниҳодаанд. Вале асри Рӯдкиро марҳалаи аввалини ин протсесс бояд шуморид, зеро аз ин давра ба баъд сар карда, на ин ки калимаи ғазал баъзан дар назм зоҳир шудан мегирад, балки осори шеърии аз он давра боқимонда низ шуруъ шудани ҳамин протсессро нишон медиҳад» [7, 28].

Бузургтарин олими соҳа Шиблии Нуъмонӣ дар асри X дар замони Рӯдакӣ мавҷуд будани ғазалро тасдиқ намуда, «Дар замони ӯ, (яъне Рӯдакӣ – Н.Ш.) синфи ғазал мустақилан ба вуҷуд омада…» [15, 38]. Ба андешаи мо, Шиблии Нуъмонӣ вожаи синфро ба маънии жанр ба кор бурдааст. Тибқи қазовати Забеҳуллоҳ Сафо, «Шеъри форсӣ дар нимаи дувуми қарни панҷум ва қарни шашум то оғози қарни ҳафтум аз ҳама ҳайс дар мароҳили камол ва мақрун ба танаввӯъу таҳаввул будааст. Нахустин амре, ки дар шеъри форсии ин аҳд метавонад мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад он аст, ки сабки шеъри форсӣ- дар ин давра дар сайри такомуле хос қарор гирифта буд» [11,359]. Ин худ гувоҳи истиқлоли кулли жанрҳо ва ҷузъи таркибии давовин қарор гирифтани онҳо мебошад.

Яке аз ҷиддитарин хусусияти ашъори шуарои садаи XII он аст, ки шуарои яккатоз дар ин давр асосан зуҳур кардаанд. Ҳарчанд дар асрҳои X-XI ин падида ҷузъ-ҷузъ поягузорӣ шудааст. Фаразан, ҳар гоҳ ҳамоса ба забон оварда шавад, ҳатман Фирдавсӣ пеши назар меояд, ҳол он ки то ӯ беш аз 15 асари ҳамосӣ рӯйи кор омадааст. Ё худ ҳар гоҳ қасида гуфта шавад, ҳатман Унсурӣ ба ёд мерасад ва ғайра. Вале дар асри XII ин доира вусъати тоза касб мекунад. «Дар ин давра, - менависад Забеҳуллоҳ Сафо, - шуаро на танҳо ба танаввуъ дар сабк алоқа доштанд, балки танаввуъ дар матолибу мавзӯъоти шеър ҳам мавриди таваҷҷуҳи онон будааст. Шояд яке аз иллати умдаи ин амр он бошад, ки то авохири ин давра иддае аз гӯяндагони бузурги форсизабон ҳар як дар матлабе аз матолиби шеър шуҳрат ёфта ва устоди мусаллам шинохта шуда буданд. Масалан, Фирдавсӣ дар ҳамоса, Унсурӣ дар мадҳ ва Саноӣ дар вазъу ҳикмат ва ирфон масал гардида буданд ва шоире мехост баъд аз ин

1 **Адрес для корреспонденции:** Ширинов Наджмудин Асомадинович – аспирант ТНУ. 734024 Республика Таджикистан. г.Душанбе ул. Нисормухаммад 13а. Телефон: 999-99-99-71

устодон касби шуҳрат кунад, ногузир буд дар ҳар як аз матолиб дунболи кори он устодонро бигирад ва монанди онон изҳори маҳорат дар чанд фан аз фунун кунад, то ӯро низ ба устодӣ бишиносанд ва ҳол он ки фусаҳои қадим танҳо ба ихтисос дар як мавзӯъ изҳори алоқа мекарданд ва ҳамин амр василаи камоли онон дар он мешуд» [11, 353].

Маълум аст, ки оид ба мавҷудияти ғазал дар асри X ду ақида дида мешавад. Чанде аз донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ ақида доранд, ки ғазал дар асри X ҳамчун жанри мустақил вуҷуд надошт ва зимни рушди адабиёт ғазал аз ҷанбаи қасида зуҳур кард ва гуфтан мумкин аст, ки бунёди андешаи мазкур ба донишманди машҳури ҳинд Шиблии Нуъмонӣ рафта мерасад. Мо мушаххасан ҳаминро таъкид карданӣ ҳастем, ки албатта, таъсири мутақобилаи жанрҳои адабӣ амри воқеӣ бошанд ҳам, ин ақида сустбунёд аст, зеро мо дар ягон навъи қасоиди адабӣ сӯзу гудозро намебинем, ҳатто дар қасоиди маросӣ, ки ғолибан дар вафоти шоҳон гуфта шудаанд. Вале дар ғазал сӯзу гудоз мавзӯи меҳварии он аст. Хосса дар ғазали орифона, ки бар сидқ бунёди ҳастӣ дорад. Аз ин рӯ, ана ҳамин сидқ эҷодкори онро шуҳрати оламгир бахшид, зеро дур аз риё ва зоҳирпарастӣ аст. Дар сурудани ин навъи ишқ Абдуллоҳи Ансорӣ, Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам ҳаким Саноии Ғазнавӣ, Фаридуддин Аттори Нишопурӣ, Авҳадии Мароғӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Фахруддини Ироқӣ басо нақши меҳварӣ доранд.

Ақидаи дигар аст, ки мавҷудияти ғазалро дар адабиёти асри X дар аҳди Сомониён, дар эҷодиёти Рӯдакӣ эониста, ибораи «ғазали Рӯдакивор»-ро кор гирифтаанд, комилан саҳеҳ ва дақиқу мушаххас аст, зеро худи Рӯдакӣ борҳо истилоҳи ғазалро истифода кардааст. Аз тарафи дигар, муосирони ӯ низ вожаи ғазалро ба маънии жанри лирикии адабӣ ба кор бурдаанд, ки ягон навъи шубҳа дар ин ҷода боқӣ намемонад. Чунончи, ифодаҳои «андар ғазали хеш ниҳон хоҳам гаштан» (Имораи Марвазӣ), «Забонам аз ғазалу мадҳи бандагон-ш насуд» (Рӯдакӣ), «Мутрибо, он ғазали нағзи диловез биёр» (Фаррухӣ), «Аз дилоромиву нармӣ чун ғазалҳои Шаҳид» (Фаррухӣ) ё худ ифодаҳои «Ғазали Рӯдакивор» (Унсурӣ), «Ғазалгӯ», «Тирози ғазал» (Хоқонӣ), «Мадҳи Масъуду ғазалҳои Муиззиро халқ» (Сайид Ҳасани Ғазнавӣ), «… мутриб ғазале гӯяд тар» (Муиззӣ) ва ғайра аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар асрҳои X ва XI ғазал жанри комили адабии мустақил буда, оммавӣ шудааст ва ҳатто адибон назокати сабкӣ, бардоштҳои мазмуну мундариҷавӣ, мухтассоти шаклӣ ва зиёда аз ин ҳама тарҷеҳи ҳунарӣ ва афзалияти эҷодии ҳамкасбони худро медонистаанд ва ба ин падидаҳо ишораҳои ҷолиб кардаанд. Ин ишораҳо бо манзури танҳо ҷид аст, на ҳиҷову сухрият ва ҳазлу танз! Бинобар ин, метавон гуфт, ки андешаи олимони адабиётшинос, ки мавҷудияти ғазали истилоҳиро дар асри X ва мушаххасан аз осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ медонанд, ба назари мо саҳеҳ аст.

Аз тарафи дигар, ғазали ирфонӣ, ки маҳсули нимаи дуюми асри XI аст, он якбора зуҳур накардааст, балки дар заминаи ғазали заминӣ-ишқии инсонӣ зуҳур кардааст, ки дар асри XII эҷоди он вусъат пайдо намудааст. Ба ин маънӣ, профессор Бадриддин Мақсудов хеле хуб баҳс ба миён оварда менависад: «Як аср пеш аз Ироқӣ шоироне чун Саноии Ғазнавӣ (вафоташ 1150 м.), Анварӣ (вафоташ 1197 м.), Хоқонӣ (вафоташ 1199 м.), Заҳири Форёбӣ (вафоташ 1201 м.), Аттори Нишопурӣ (вафоташ 1220 м.), Камолуддини Исмоили Исфаҳонӣ (вафоташ 1238 м.) ва дигарон ба ғазалсароӣ пардохта буданд. Ин ҳукм аз он ҳам тасдиқ мешавад, ки як ҷузъи асосии девони шуарои мазкур ғазал мебошад» [2,238].

Умуман беҳтарин ва возеҳтарин андеша дар адабиётшиносии собиқ шӯравӣ оид ба зуҳури ғазал ва ташаккули он мутааллиқ ба И.С. Брагинский аст, ки таъкид карда буд: «Бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки ғазал чун шакли алоҳидаи назми лирикӣ ҳанӯз дар асри X, дар давраи тараққиёт ва гул-гулшукуфии назми тоҷикӣ – форсӣ дар Осиёи Миёна вуҷуд дошт».

Тибқи қазовати сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва тасдиқи муҳаққиқон, асри XII асри тиллоии адабиёт ва хосса асри қасида аст. «Ҷунбиши нави адабии давраи

ғазнавиҳои охир, – менависад Садрӣ Саъдиев, – сар шуд, ки оғози он бо барқарор шудани оромии мамлакат дар замони султон Иброҳим алоқаманд аст. Ин ҷунбиш низ мисли муҳити адабии нимаи аввали асри XI Ғазнин бисёр шоирони маъруфро ба майдон овард» [1, 10].

Дар адабиётшиносӣ андешаест, ки ғазал аслан маҳсули садаи VI ҳиҷрӣ (асри XII мелодӣ) аст. Гӯё ғазал дар ин аҳд, қасидаро шикаст дода ба ҷойи он баромадааст. Ин андеша чунон ки қаблан ишора шуд, аз Шиблии Нуъмонӣ оғоз мешавад, ки ӯ ба ин маънӣ менависад: «Мо дар собиқ мукаррар гуфтем, ки шоирӣ дар Эрон аз қасида оғоз шуда ва низ ғазал дар ибтидо аз ҷӯши табъ таровиш нашуда, балки барои такмили соири ақсоми шеър ба вуҷуд омадааст, чи гуфтани ашъори ишқӣ дар ибтидои қасида ҷузви дастур буд ва ин қисматро вақте алоҳида карданд, ғазал гардид ва гӯё аз дарахти қасида қаламчае гирифта ҷудогона онро нишонданд» [15, 38].

Тақрибан ҳамин гуна андешаи шабеҳ дар тадқиқоти Сируси Шамисо манзур мегардад, ки ин муҳаққиқ низ истиқлоли ғазалро дар замони Сомониён зери шубҳа қарор дода, ғазалро ҷузъе аз қасида донista зуҳури онро ба садаи шашуми ҳиҷрӣ мансуб медонад, ки мо дар ин бора қаблан баҳс кардем.

Мо феълан ҳаминро гуфтанӣ ҳастем, ки муҳаққиқон жанрҳоро бидуни равандҳои сиёсӣ-таърихӣ ва берун аз рушди форматсияҳои ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ба таҳлил гирифтаанд. Асри XII ҳеҷ гоҳ асри заволи қасида набуд ва нест, балки охирин асри тиллоии қасида аст, зеро маҳз дар ҳамин аср паямбари эҷоди бадеъ дар қасида зуҳур мекунад, ки ӯ Авҳадуддин Анварии Абевардӣ аст. Аз тарафи дигар, инҳитоту инқирози қасида ба ғазал бо манзури мухтассоти жанрӣ ҳеҷ мухолифате надорад. Чун дар асри XIII истилои муғулҳо шурӯъ шуд ва дар қаламравҳои истилошуда шоҳи сазовор намонд, қасоиди мадҳӣ аз даҳон афтид. Чун ғаму андӯҳ, талвосаи ҷон, ки дар иртибот ба ҳамлаи муғулҳои ваҳшӣ пеш омада буд, ҳаҷру фироқ, сӯзу гудоз, нолаву фарёд боло гирифт, ин унсурҳои ғамангези ҳаёти инсон созгори дарунмояи ғазаланд ва аз ин рӯ, ғазал рушд кард. Ҳатто дар ғазали сирф ишқии заминӣ, ки паямбари ғазалсароён Саъдӣ эҷод кардааст, чунин оҳангҳо комилан ворид шудаанд. Чунончи:

*Омадӣ, ваҳ, ки чӣ муштоқу парешон будам,*
*То бирафтӣ зи барам, сурати беҷон будам.* ***[12,346].***

Ҳадаф мунтаҳо ҳиҷрон ва беш аз он авзои нобасомони давр буда, ибораи «сурати беҷон» аз дасти кас наомадани кореро низ ифода мекунад. Алорағми андешаи Сируси Шамисо профессор Бадриддин Мақсудов бисёр хуб менависад, ки: «Ғазал яке аз қадимтарин ашколи жанрии ғиноӣ буда, аз замонҳои куҳан дар назми форсӣ мавқеъ дошт ва дар имтидоди замонҳо дар иртиботи қавӣ бо вазъи иҷтимову фарҳангӣ ва адабӣ зинаҳои такомул паймуда то замони Ироқӣ расид» [2,236]. Профессор Шиблии Нуъмонӣ рушди ғазалро дар иртибот бо болоравии тасаввуфу ирфон тавъам медонад ва менависад, ки: «Дар Эрон чун то муддате ҳисси силаҳшӯрӣ ва тамоюлоти размӣ ва ҷангӣ дар ниҳояти шиддат ҷараён дошт, лизо таърихи тараққии ғазал аз тасаввуф шурӯъ мешавад. Алоқаву иртиботи тасаввуф бештар ба воридоту ҷазабот аст ва аввал абҷадеро, ки дар ин дабистон таълим медиҳанд, ҳамоно абҷади ишқу муҳаббат мебошад, агар чи тасаввуф дар оғози қарни савум ибтидо шуда, лекин қарни панҷум асри тиллоии он шумурда мешавад ва ҳамин аср ҳам шурӯъи тараққии ғазал аст» [15, 40]. Ба назари академик А. М. Мирзоев қазовати Шиблии Нуъмонӣ пуртаззод буда, бо се далел навоқиси ақоиди Шиблии Нуъмонӣ нишон дода мешавад. Аз тарафи дигар, А. М. Мирзоев ҷонибдори андешаҳои Нотил Парвизи Хонларӣ буда, қазовати ӯро бо чунин далел саҳеҳ медонад: «Тадқиқотчии вазни ғазал Парвизи Хонларӣ тамоман дуруст мегӯяд, ки то охирҳои асри панҷи ҳиҷрӣ (асри XI) шоире, ки ихтисоси худро ғазалсароӣ қарор дода бошад, наметавон ёфт. Ба назари мо, агар ин даъвии Нотил Парвизи Хонлариро саҳеҳ шуморем, ба ҷуз ҳамоса (маснавиҳои ҳамосӣ) адибе, ки ин ё он жанри адабиро ихтисоси асосии эҷоди хеш медониста бошад, нест. Вале анвои адабӣ ҳаст! Аз тарафи дигар, паямбари васф (қасида) Анварии Абевардӣ аст, вале Унсурӣ – аввалин малик-уш-шуарои расмӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ маҳз тавассути қасидасароӣ касби иштиҳор кардаанд?! Ҳол он

ки нахустин қасоиди комилро устод Рӯдакӣ таълиф кардааст. Пас, исботи мавҷудияти анвои адабии ҷудогона ва зуҳуру ташаккули он қонуниятҳои адабии дигар дорад.

Инчунин қаблан низ таъкид кардем, ки ғазал ҳамчун истилоҳ дар довариҳои шоиронаи асри X дида мешавад.

Чунончи: «Забонам аз ғазалу мадҳи бандагон-ш насуд» (Рӯдакӣ), «Андар ғазали хеш ниҳон хоҳам гаштан» (Имора) ва ғайра, ки ҳадафи эҷодкорон мутлақо ба ҷуз вожаи ифодагари жанри адабӣ чизи дигаре нест!

Бояд гуфт, ки ғазали орифона дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII зуҳур кард, ки маншаъҳо ва бунёдгоҳи он ҳамоно ғазали ишқии заминӣ ё чи хеле ки маъруф аст, ғазали ишқии мармуз буд. Бунёдгузори ғазали ирфонӣ бидуни шубҳа ҳазрати Абдулмаҷид Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ аст, вале то ӯ дигарон ғазалҳои тасаввуфӣ гуфтаанд.

Дар давовини шуарои нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII ва умуман асри шашуми ҳиҷрӣ жанри ғазал то андозае мароҳили камолот паймудааст. Агар ба девонҳои шуарои ин садаҳо назар карда шавад, мавқеи навъи адабии муътабартарини шеърӣ – ғазал, ба қавли Шайх Озарии Тӯсӣ дар «Ҷавоҳир-ул-асрор»:

*Аз фунуни шеър фанни беҳтарин омад ғазал,*
*Чун накӯрӯён, ки дар сурат беҳанд аз ҷинси инс* [2, 237].

чунин манзур мегардад.

Саноии Ғазнавӣ – 405 ғазал, Абдулвосеи Ҷабалӣ – 150 ғазал, Имоди Шаҳриёрӣ – 39 ғазал, Абулфараҷи Рунӣ – 54 ғазал, Амир Муиззӣ – 60 ғазал, Адиб Собири Тирмизӣ – 67 ғазал, Авҳадуддин Анварии Абевардӣ – 303 ғазал, Афзалуддин Бадил Хоқонии Шарвонӣ – 456 ғазал, Муҷируддини Байлақонӣ – 102 ғазал, Фаридуддини Аттори Нишопурӣ – 873 ғазал, Низомии Ганҷавӣ – 192 ғазал, Асируддини Ахсикатӣ – 211 ғазал, Камолуддин Исмоил – 160 ғазал, Ҷамолуддин Муҳаммад – 173 ғазал, Рашиди Ватвот – 10 ғазал, Заҳири Форёбӣ – 4 ғазал, Аҳмади Ҷомӣ – 484 ғазал, ки мо қаблан низ ишораи ҷузъӣ роҷеъ ба падидаи мазкур карда будем.

Барои амиқравӣ ба масоили мавриди назар ба ғазалиёти чанде аз шуарои асрҳои XI (нимаи дуюм) ва XII рӯ оварда, намунаҳо зикр хоҳем кард.

Қатрони Табрезӣ:

*Эй дил, туро бигуфтам, к-аз ошиқӣ ҳазар кун,*
*Бигзор некувонро в-аз меҳрашон гузар кун.*
*Чун рӯйи хуб бинӣ, дида фарозӣ ҳам неҳ,*
*Чун тири ишқ борад, шарму хирад сипар кун.*
*Ҳар гоми ошиқиро сад гуна дарду ранҷ аст,*
*Гар эмиӣ-т бояд, аз ошиқӣ ҳазар кун.*
*Фармони ман набурдӣ, фарҷоми худ наҷустӣ,*
*Пиндоштӣ, ки гӯям ҳар соате батар кун.*
*Нокоми ман бирафтӣ дар доми ишқ мондӣ,*
*Чун аст рӯзгорат, моро яке хабар кун.*
*Акнун ба сабр кардан, н-ояд мурод ҳосил,*
*З-ин чора боз монӣ, рав чораи дигар кун* **[11,177].**

Ғазали мазкур бидуни тахаллус буда, муқаффову мураддаф аст ва зубаҳрайн буда, танини гуворо дорад ва комилан муҳтавои панду андарзӣ касб кардааст.

Ё худ ғазале аз Азрақии Ҳиравӣ:

*Дӯш то рӯзи фарох он санами тангдаҳон,*
*Лаби чун лола ҳаме дошт зи май лоласитон.*
*Нофаҳо дошт аз ӯ хона пур аз мушки сиёҳ,*
*Боғҳо дошт аз ӯ дида пур аз сарви равон.*

*Рухи ӯ лоласитон буду сари зулфаки ӯ,*
*Зангиён дошт ситон хуфта бар он лоласитон.*

*Гоҳ пайваста ҳамегуфт ғазалҳои сабук,*
*Гоҳ оҳиста ҳамехӯрд қадаҳҳои гарон.*
*Даҳани кӯчаки ӯ дидам ҳангоми сухан,*
*К-аз зарифӣ дили ман голиядон кард гумон.*
*Гуфтам ин голиядон чист? Бихандид бутам,*
*Ки ҳаме голиядон боз надонӣ зи даҳон [11,206].*

Ғазали мазкур ишқӣ буда, намуди зоҳирӣ ва амалҳои маҳбуба басо нодир васф карда мешавад. Ғазал муқаффост, мураддаф нест ва байти тахаллус низ надорад. Вале бисёр марғубу шево ва хушоҳанг аст, зеро дар баҳри рамал эҷод шудааст.

Барои боз ҳам мушаххастар намудани қонуниятҳои рушду таҳаввули жанри ғазал ва мухтассоти жанрии он, метавон аз бисёр шуарои асрҳои XI-XII намунаҳо зикр намуд. Чунончи, ғазале аз Муиззӣ:

*Он зулф нигар бар он бару дӯш*
*В-он хатти сияҳ бар он баногӯш.*
*Ҳар ду шуда пеши моҳу хуршед,*
*Монандаи ҳоҷибон сияҳпӯш.*
*Бегармиву бефурӯғи оташ,*
*Чун анбару мушк дӯш бар дӯш.*
*Он дода ба ошиқон ғаму дард*
*В-ин бурда зи оқилон дилу ҳуш.*
*Сунбулхату лоларух нигорест,*
*Он моҳи суманбари гулогӯш.*
*Аз сунбули ӯст нӯши ман заҳр*
*В-аз лолаи ӯст заҳри ман нӯш.*
*Гӯянд, ки ёд кун мар ӯро*
*В-андар ғами ӯ мабош хомӯш.*
*Гӯям, ки ба ҳилла чун кунам ёд,*
*Онро, ки накардаам фаромӯш [11,244].*

ва ғайра.

Аз намунаҳои фавқуззикри ғазалиёти шуарои даврони мавриди назар маълум мегардад, ки ғазал тӯли мавҷудияти худ (аз асри X), рушду таҳаввулот (асрҳои XI-XII) ва сайри таърихии худ қонуниятҳои хоси адабӣ-эҷодиро тай намуда, мароҳили камолот паймудааст. Тӯли зуҳуру ташаккул ва рушду таҳаввулоти жанрии ин навъи адабӣ, мо ба тағйироту пешомадҳо ва ғановатҳои бешумори дарунмоягиву шаклии онро мушоҳида менамоем, ки басо муҳим ва арзишманд аст. Фаразан, таносуби образҳои лирикии ошиқ ва маъшуқаро гирем, қолибияти дарунмояи жанр бештар ошкор мешавад. Чунончи Дар асри X дар лирикаи ишқӣ: дар рубоӣ, тағаззули қасоид, муқаттаот ошиқ бештар ҳоким, амрфармо, танноз, ғаюр аст, маҳбуба амрбардор, таҳаммулпазир, фурӯтан аст. Ҳатто барои висол саъй дорад («Омад бари ман, кӣ? Ёр. Кай? Вақти саҳар» - Рӯдакӣ), («Пешам омад бомдодон он нигорин аз кадӯх» - Рӯдакӣ), вале дар ғазал баръакс:

*Биё, инак нигаҳ кун Рӯдакиро,*
*Агар беҷон равон хоҳӣ танеро* ***[10,25].***

Ба андешаи мо, ғазал ҳатто дар аҳди зуҳур низ бо афзалияти мақоми маҳбуба шакл гирифтааст. Вале андаке баъдтар тағйироти ҷиддӣ пеш омад ва ин албатта, ба рушди қасида сахт вобаста мебошад.

Ошиқ афзалиятро комилан ба даст гирифт ва маҳбуба собиру таҳаммулпазир шуд. («Накашам нози турову надиҳам дил ба ту ман» -Манучеҳрӣ), («Гуфтам, ки биё, ваъдаи дӯшина биёр, В-арна бихурӯшам аз ту акнун чу ҳазор» - Фаррухӣ) ва ғайра. Ин ҳолат ғолибан хоси адабиёти нимаи аввали садаи XI аст ва дигар ба ҳамешагӣ дар таърихи адабиёт хоса дар ғазал маҳбуба ҳоким аст ва афзалиятро аз даст намедиҳад. Ба назари мо, ин ду сабаб дорад: аввалан зуҳури ғазали ирфонӣ, ки кашфиёти адабӣ-эҷодӣ дар эҷоди бадеъ ва хосса дар ғазалсароӣ аст. Сонияи авзои

сиёсӣ- таърихии замон ва хосса истилои зардпӯстони муғул, ки онҳо танҳо дар зоҳир ба инсон монанд буданду халос!

Аз ин рӯ, ин печидагии таърих танҳо дардафзову сӯзофар буд ва ин падида созгори табиати жанри ғазал аст. Муҳим он аст, ки дар асри XII низ шоире, ки танҳо ғазалро пешаи эҷодии хеш қарор дода бошад, ҳанӯз дида намешавад. Чун эҷодкорони ғазал хеле ва хеле зиёд шудаанд, пас қиёси ҳунари эҷодии онҳо зарур ва арзишманд мебошад.

**Адабиёт**


1. Абдуллоев А.,Саъдиев С. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII. – Душанбе, 1986. 362 с.
2. Бадриддин Мақсудов Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ. – Душанбе, 2009. -555с.
3. Ворожейкина З.Н. Исфаханская школа поэтов и литературная жизнь Ирана в предмонгольское время XII-начало XIII в-Москва: Наука,1984 -269 с.
4. Ҷамолуддин Абдурраззоқи Исфаҳонӣ. Девони Абдурраззоқи Исфаҳонӣ бо тасҳеҳи Ваҳиди Дастгардӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1379-503 с.
5. Дориюши Сабур. Офоқи ғазали форсӣ.-Теҳрон: Гуфтор. 1370- 591с.
6. Мирзоев А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV // Мирзоев А. Сездаҳ мақола. – Душанбе, 1977. 286
7. Мӯътаман Зайнулобиддин. Таҳавулли шуъри форсӣ.-Теҳрон: Таҳурӣ. 1371 - 414 с.
8. Рейснер М.Л. Эволюция классической газели на форси (X- XIV века)-Москва: Наука,1989-222 с.
9. Рӯдакӣ, Абӯабдуллоҳ. Девон. Бо саъй ва эҳтимоми Қ. Рустам, Олмотӣ. 2007. 254 с.
10. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ. Аз миёнаи қарни V то оғози қарни VII ҳиҷрӣ. Ҷилди 2. Теҳрон, 1388. – 720 с.
11. Саъдӣ Муслиҳиддин.Куллиёт,ҷилди якум -Душанбе :Адиб.1987.431 с.
12. Хуросонӣ Шуҷоуддин. Овои қирмизни ишқ ва ҳунҷараи сабзи ғазал.-Кобул: Нӯъмонӣ.1394. – 456 с.
13. Шамисо Сирус.Сайри ғазал дар шеъри форсӣ.-Теҳрон: Фирдавс, 1370. -343 с.
14. Шиблии Нӯъмонӣ Шеърулаҷам. –Ҷ. 5. Тарҷумаи Саид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ. – чопи савум. –Теҳрон, – 1336. – 196с.



**ШИРИНОВ Н.А.**


**РАЗВИТИЕ ГАЗЕЛИ В ЛИТЕРАТУРЕ XII ВЕКА**


XII век считается особой эпохой в истории литературы, так как: в данный период расширилась сфера распространения персидско-таджикского языка и литературы, возникли литературные группы и центры в Хорасане и Мавераннахре. Продолжилось развитие поэзии и прозы. Одним из признаков совершенствования персидско-таджикской поэзии XII века считается дальнейшее развитие жанра газели. В данной статье рассматриваются факторы появления, формирования и развития жанра газели и автор на основе изучения исторических материалов уточняет тот факт, что жанр газели является детищем X века –периода Саманидов и его основателем является основоположник персидско-таджикской литературы Абуабдулло Рудаки.



**Ключевые слова:** история литературы, развитие поэзии и прозы распространение персидско-таджикского языка, газель, жанр газели, развитие жанра газели, представители таджикско-персидской литературы, Абуабдулло Рудаки духовная любовь, содержание литературы.



**SHIRINOV N.A.**


**THE DEVELOPMENT OF GAZELLE IN THE LITERATURE OF XII CENTURY**


XII century is a special epoch in the history of literature, because in this period has expanded the scope of the Persian-Tajik language and literature, having literary groups and centers in Khorasan and Maverannahr. Continued development of poetry and prose. One of the signs of improvement of the Persian-Tajik poet of XII century, is considered the further development of the genre of a Gazelle. In this article the author examines the factors of appearance, formation and development of a genre of a Gazelle, and the author on the basis of studying of the history of clarifies the fact that the genre of gazelles is the brainchild of X century-the period of Samanids and its founder is the founder of the Persian-Tajik literature Abuabdullo Rudaki.



**Key words:** history of literature, the development of poetry and prose distribution of the Persian-Tajik language, Gazelle, genre ghazal, development of the genre's Gazelle, representatives of Tajik-Persian literature Abuabdullo Rudaki spiritual love, the content of literature.